«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, профессор
_____________ Ибодуллозода А.
"_30_" ____12____ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

Диссертатсия дар мавзуи "Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон" аз тарафи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ – Ҳомидов Дилмурод Раҷабович, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 06.05.2015, қарори № 4/57 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Рисолаи илмӣ-тадқиқотии мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он бори нахуст масъалаҳои марбут ба топонимияи воҳаи Сурхон, ки яке аз воҳаҳои таърихии тоҷикнишин аст, он то ҳол дар шакли як диссертатсияи алоҳида баррасӣ нашудааст, бо истифода аз методҳои тадқиқотии забоншиносӣ ин мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зарурати интихоби мавзуи мазкурро таваҷҷуҳи пайвастаи муаллифи рисола нисбат ба таърихи ташаккул ва таҳаввули топонимҳои воҳаи Сурхон, кам омӯхта шудани он аз нуқтаи назари таърихию забоншиносӣ ва махсусан, номшиносии муосир, ба миён овардааст. Омӯзиши ин масъала дар шароити соҳибистиқлолии кишварамон муҳиммияти бештаре касб мекунад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и ФР таъйид намудаанд, интишор гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсад аз таҳқиқи ҷойномҳои воҳаи Сурхон дар он аст, ки вожагони мансуб ба ҷойномҳои минтақаи таърихии мавзуи баҳс қарор додаамонро аз ҷиҳати забонӣ ва муайян кардани вижагиҳои луғавию сохторӣ ба тафсил мавриди баррасӣ қарор бидиҳем. Вазифаҳои асосии таҳқиқ омӯзиш ва пажӯҳиши ҳаматарафаи вижагиҳои маъноӣ ва сохтории ҷойномҳои воҳаи Сурхон маҳсуб ёфта, дар ин замина мавқеи калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар ташаккули онҳо муқаррар карда мешавад. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

– дар асоси манбаъҳои хаттии давраҳои бостон, миёна ва нави забонҳои эронӣ муайян кардани ҳудуди таърихӣ-ҷуғрофии воҳаи Сурхон;

–ошкор сохтани вижагиҳои луғавию маъноии топониму микротопонимҳои воҳаи Сурхон;

–баррасии хусусиятҳо ва аносири лексикии ҷойномҳои воҳа, муайян кардани теъдоди муродифии топонимҳо ва доираи корбурди онҳо;

–таҳқиқи хусусиятҳои семантикии топоформантҳои ҷойномсози воҳа;

–таҳқиқи қабатҳои маънои лексикии ҷойномҳои воҳа, ба мисли номи деҳкадаву деҳот, шаҳракҳо, шаҳрҳо, мазеъҳои релефӣ, талу теппаҳо, ҷойномҳои марбут ба ороними гидронимҳо;

– нишондоди анҷомаҳои ҷойномсоз дар таркиби номвожаҳои ҷуғрофии воҳа;

– баррасии ҷойномҳо аз ҷиҳати пайдоиш;

– таҳқиқи ҷойномҳои воҳа аз ҷиҳати сохтор;

–таҳқиқи ҷойномҳои воҳа аз ҷиҳати мансубияти забонӣ (туркӣ-ӯзбекӣ, арабӣ ва ғайра);

–таҳқиқи анҷомаҳои ҷойномсози воҳа аз ҷиҳати мансубияти забонӣ (пасвандҳои топонимсози тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-узбекӣ);

–таҳқиқи решашиносии маводи топонимӣ ва муайян кардани раванди ташаккули таърихии ҷойномҳои субстрати забонҳои қадимаи эронӣ (суғдӣ, бохтарӣ, сакоӣ, хоразмӣ ва ғайра).

**Навгониҳои таҳқиқи мазкур дар** он дида мешавад, ки ҷойномҳои воҳаи Сурхон аз нигоҳи маънои луғавӣ, баромаду мансубияти забонӣ, шаклгирӣ, таҳаввулот, дигаргуниву тағйироти сохторӣ, таҳлили топоформантӣ ва тобишҳои маъноӣ бори аввал дар забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Инчунин, ҳангоми баррасиву таҳқиқ гунанокии баъзе ҷойномҳо бо усули таърихӣ баррасӣ гардида, сайри таърихиашон нишон дода шудааст. Хусусиятҳои таърихии ҷойномҳо ба таври амалӣ бозгӯйӣ шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқро** дар он мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба воситаи таҳқиқи ҷиҳатҳои луғавии ҷойномҳои воҳа доир ба якчанд вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, махсусан, доир ба қабатҳои луғавии марбут ба ҷойномҳои забони тоҷикӣ баёни андеша карда, натиҷаҳои илмии ба даст овардаро барои таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин мавриди корбурд қарор додан мумкин аст. Маводи топонимии минтақаро дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои топонимии забони тоҷикӣ истифода кардан мувофиқи матлаб хоҳад буд. Инчунин, моҳияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки маводи диссертатсияро дар машғулиятҳои назариявӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, шевашиносии таърихӣ, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филологӣ, забонҳои Аврупо ва Осиё, таърих, ҳуқуқ ва дигар бахшҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди истифода қарор дода, вожагони хоссаи номшиносиро дар луғатномаҳои соҳавӣ, хусусан, фарҳанги топонимӣ истифода бурдан ба матлаб мувофиқ аст.

Лозим ба ёдоварист, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб иборат буда, мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом пазируфтааст. Хулосаҳои диссертант илмиянд ва ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна таҳти унвони “Таҳқиқи лингвистии топонимҳои воҳаи Сурхон”, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи мазкурро кори илмии ба анҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 7 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант 7-тои он дар маҷаллаҳои тавсияи намудаи КОА-и назди Президенти ҶТ интишор гардидаанд:

[1-М]. **Турсунова М.** Шарҳи баъзе номвожаҳои ҷуғрофии воҳаи Ҳисор дар осори таърихӣ /Паёми ДМТ, серияи филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/5. – С. 76-81.

[2-М]. **Турсунова М., Ҳомидов Д.** Шарҳи гидронимҳои Чағонрӯди таърихӣ дар манбаъҳои хаттӣ /Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2017, №1/2 (68-69). – С. 90 - 94.

[3-М]. **Турсунова М.** Вижагиҳои сохтории топонимҳои Чағонруди таърихӣ / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С.128-137.

[4-М]. **Турсунова М**. Баъзе вижагиҳои забонии гидронимҳои Чағонрӯд /Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2018, №5/1, (77). – С. 113-117.

[5-М]. **Турсунова М**. Таҳлили лингвистии оронимҳои воҳаи Сурхон / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019, №6(83). – С. 83-88.

[6-М]. **Турсунова М**. Баррасии қабатҳои луғавии топонимҳои воҳаи Сурхон / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021, №3 (92). – С. 51-56.

[7-М].**Турсунова** М. Баррасии луғавии этнотопонимҳо ва антротопонимҳои воҳаи Сурхон/ Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе, 2022,№5(100).- С.68-72.

Бинобар ин, кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ барои дифоъ тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 18 нафар: Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 18 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

Қарори № 5 аз 29. 12. 2022.

Раисикунанда: Қурбонов Маҷид,
номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Ташхисгарон: Нурхон Гадоев,
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Раҳмонов Бахтиёр,
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Котиб: Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич,
доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info @ tgpu. tj

Имзои Қурбонов Маҷид, Нурхон Гадоев, Бахтиёр Раҳмонов ва Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевичро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.